**ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ ПӮШИДАИ**
**"СПИТАМЕН БОНК"**
**РАЁСАТ**

---

**ҚАРОР №135**

**ш. Душанбе** **"14" 11 2022 с.**

**Оиди тасдиқ намудани Тартиби баррасии муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар ҶСП "Спитамен Бонк"**

Бо мақсади такмили низоми идоракунии корпоративӣ, Раёсати ҶСП "Спитамен Бонк",

**қарор мекунад:**

1. Тартиби баррасии муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар ҶСП "Спитамен Бонк", қабул карда шавад.
2. Низомнома дар бораи тартиби баррасӣ ва ҳисобгирии муроҷиатҳои мизоҷони ҶСП "Спитамен Бонк", ки бо Қарори ҶСП "Спитамен Бонк" таҳти №55 аз 19.04.2017 қабул шуда буд, аз эътибор соқит карда шавад.
3. Назорати иҷрои Қарори мазкур ба зиммаи Раиси Раёсати Бонк Самандарзода Н., вогузор карда шавад.

| | |
|---|---|
| **Раиси Раёсат** | **Самандарзода Н.** |
| **Муовини аввали Раиси Раёсат** | **Ҳикматов У. С.** |
| **Муовини Раиси Раёсат** | **Сайфуллозода С.** |
| **Муовини Раиси Раёсат** | **Шарипов Н. Н.** |
| **Котиби Раёсат** | **Ҳисориев М. Ш.** |

ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ ПЎШИДАИ
"СПИТАМЕН БОНК"
РАЁСАТ

ҚАРОР № [illegible]

ш. Душанбе « [illegible] » 11 2022 с.

**Оиди тасдиқ намудани "Тартиби [illegible] нуқсонҳои [illegible] ҶСП "Спитамен Бонк"**

Бо мақсади танзими [illegible] корпоративӣ Раёсати ҶСП "Спитамен Бонк"

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Тартиби [illegible] ҶСП "Спитамен Бонк" қабул карда шавад.
2. [illegible] ҶСП "Спитамен Бонк", [illegible] ҶСП "Спитамен Бонк" [illegible]
3. Назорати иҷрои Қарори мазкур ба зиммаи Раиси Раёсати [illegible] вогузор карда шавад.

Раиси Раёсат — [illegible]

Муовини аввали Раиси Раёсат — [illegible]

Муовини Раиси Раёсат — Саифуллоева С.

Муовини Раиси Раёсат — [illegible]

Котиби Раёсат — [illegible]

“Тасдиқ карда шуд”

Бо Қарори Раёсати

ҶСП «Спитамен Бонк»

№ 135

аз «14» 11 с. 2022

# ТАРТИБИ БАРРАСИИ МУРОҶИАТҲОИ ШАХСОНИ ВОҚЕЙ ВА ҲУҚУҚӢ ДАР ҶСП «СПИТАМЕН БОНК»

**Душанбе – с. 2022**

Мундариҷа


1 Муқаррароти умумӣ…………………………………………………………3

2 Истилоҳот ва мафҳумҳо………………………………………………………3

3 Талабот ҳангоми муроҷиат…………………………………………………5

4 Тартиби пешниҳод ва муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва баррасии онҳо……………………………………………………………5

5 Кафолати амнияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вобаста ба муроҷиати онҳо……………………………………………………………7

6 Тартиби баррасии муроҷиатҳо (шикоят, арз, пешниҳод, дархост, сипос ва ғ.)……………………………………………………………7

7 Шабакаҳои муроҷиатии мизоҷон ……………………………………………10

8 Сатҳи масъулиятнокӣ…………………………………………………………11

9 Мухлати баррасии дархост ва арзу шикоятҳо……………………………11

Замимаҳо……………………………………………………………………………14

## 1 Муқаррароти умумӣ

1.1. Тартиби баррасии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии (мизоҷони) ҶСП "Спитамен Бонк" (минбаъд - Тартиб) мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилии ҶСП "Спитамен Бонк", бо назардошти принсипҳои ҳимояи ҳуқуқҳои мизоҷони ҶСП "Спитамен Бонк" (минбаъд - Бонк), таҳия карда шудааст.

1.2. Мақсади асосии баррасии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқи (мизоҷони Бонк), баланд бардоштани сатҳи сифати хизматрасонии мизоҷон дар ҶСП "Спитамен Бонк" ба ҳисоб меравад.

1.3. Ҳамаи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Бонк дар сатҳи Раиси Раёсат ва аъзоёни Раёсат баррасӣ мешаванд.

1.4. Сардорони сохторҳои Бонк ва менеҷерони минтақавӣ метавонанд дар хулосабарорӣ бо пешниҳоди далелҳо саҳм дошта бошанд.

## 2 Истилоҳ ва мафҳумҳо

**Мурочиатҳо** - ариза, дархост, пешниҳод, сипос шикояти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар шакли хаттӣ, электронӣ ё шифоҳӣ ба Бонк пешниҳод шудаанд.

**Ариза** - хоҳиш дар бораи мусоидат намудан ба амалисозии ҳуқуқу озодиҳо ва манфиати қонунии худ, ҳуқуқу озодиҳо ва манфиати қонунии шахсони дигар ё пешниҳод намудани маълумот дар бораи вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар, норасоиҳо дар фаъолияти Бонк ё танқиди фаъолияти роҳбарон ва кормандони Бонк.

**Дархост** - хоҳиш дар бораи аз ҷониби шахси ваколатдор дар доираи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро намудани амали муайян барои қонеъ намудани талаботи мурочиаткунанда.

**Шикоят** - изҳори норозигӣ нисбат ба амали (беамалии) роҳбарон ва шахсони ваколатдоршудаи Бонк ҷиҳати ҳимоя ва барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳо ё манфиати қонунии вайронгардидаи худ ё шахсони дигар.

**Мурочиаткунанда** - шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ ё намояндаи қонунии ӯ, ки ба мақомоту ташкилоти дахлдор оид ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва

манфиати қонунии худ, ҳуқуқу озодиҳо ва манфиати қонунии шахсони дигар муроҷиат намудааст.

**Муроҷиати электронӣ** - муроҷиате, ки ба суроғаи расмии почтаи электронии Бонк ворид гардидааст ё дар сомонаи расмии Бонк дар шабакаи Интернет ҷойгир карда шудааст.

**Муроҷиати шифоҳӣ** - муроҷиате, ки зимни қабули шахсӣ ба шахси ваколатдоршудаи Бонк изҳор гардидааст ё тавассути алоқаи телефонӣ (мобилӣ) баён шудааст.

**Муроҷиат тавассути воситаҳои ахбори омма** - муроҷиати дар матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма вобаста ба фаъолияти Бонк нашр ё тавассути воситаи ахбори омма паҳнгардида.;

**Муроҷиати дастҷамъона** - муроҷиати ду ва зиёда шахсон ё аз номи гурӯҳи шаҳрвандон пешниҳодгардида.

**Муроҷиати такрорӣ** - муроҷиати хаттӣ, шифоҳӣ ё электронии такрорӣ ба Бонк, ки дорои далелҳои нав намебошад, бо зикри масъалаҳое, ки доир ба онҳо вобаста ба муроҷиати қаблӣ моҳиятан ҷавоб гардонида шудааст ва дар муроҷиати навбатӣ ваҷҳ ё ҳолатҳои нав оварда нашудаанд.

**Шахсони баррасикунандаи муроҷиат** - шахсони мансабдор ва шахсони ваколатдори Бонк, ки бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муроҷиатҳоро моҳиятан баррасӣ менамоянд.

**Китоби арзу шикоятҳо** - китоби шакли ягона, ки барои қайди муроҷиатҳо доир ба фаъолияти Бонк, сифати хизматрасонӣ, иҷрои корҳои муайян, пешбинӣ шудааст;

**Қуттӣ барои муроҷиатҳои хаттӣ**– қуттии брендикунонидаи қулфдори Бонк барои муроҷиатҳои беимзо, ки дар ҷойи ба мизоҷони Бонк дастрас насб мешавад.

**Муроҷиати беимзо** – муроҷиат ҳамон вақте беимзо ҳисоб карда мешавад, ки дар он Ф.Н.Н. ва маълумотҳое, ки мизоҷ алоқаманд аст нишон дода нашудаанд.

**Маводҳои дахлдор-** сабти видеой, овозӣ, мактуб, дастхати мизоҷ ва дигар.

## 3 Талабот ҳангоми муроҷиат

3.1. Шахси воқеӣ - дар муроҷиати хаттӣ бояд насаб, ном, номи падар, суроғаи маҳалли истиқомат, маълумот оид ба маҳали воқеии истиқомат (агар чунин ҳолат ҷой дошта бошад), муҳтавои муроҷиатро дарҷ намуда, онро имзо намояд;

3.2. Дар муроҷиати хаттии шахси ҳуқуқӣ бояд номи пурраи шахси ҳуқуқӣ, суроғаи маҳалли ҷойгиршавӣ, сана, рақами содиротӣ ва муҳтавои муроҷиат нишон дода шаванд. Муроҷиат бояд аз ҷониби шахси мансабдор ё ваколатдоршуда имзо карда шавад;

3.3. Муроҷиатҳои хаттӣ тавассути хизматрасонии алоқаи почта, зимни қабули шахсӣ, тавассути хаткашон ё бо роҳи сабт намудани арзу шикоят ё таклифҳои худ дар китоби арзу шикоятҳои Бонк пешниҳод карда мешаванд;

3.4. Муроҷиатҳои электронӣ дар шакли ҳуҷҷати электронии бо имзои электронии рақамӣ тасдиқшуда ва дорои дигар маълумотҳои барои ҳуҷҷатҳои электронӣ ҳатмӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, пешниҳод карда мешавад;

3.5. Зимни муроҷиат намудан тавассути алоқаи телефонӣ (мобилӣ) бояд муҳтавои муроҷиат, насаб, ном ва номи падари муроҷиаткунанда, суроғаи маҳалли истиқомат ё ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ, рақами телефон (мобилӣ) суроғаи почтаи электронӣ баён карда шаванд.

3.6. Шахси ваколатдоршуда, ки муроҷиати телефонӣ (мобили)-ро қабул намудааст, дар барномаи Bitrix-24 қайд мекунад, онро ба шахси муттасадии баррасии муроҷиатҳо равона мекунад, ки дар он муҳтавои муроҷиат, насаб, ном ва номи падари муроҷиаткунанда, суроғаи маҳалли истиқомат ё ҷоигиршавии шахси ҳуқуқӣ, рақами телефон (мобилӣ), суроғаи почтаи электрониро дарҷ карда, онро бо тартиби дохилии Бонк ба қайд гирифта, ба саҳми Раёсат, Департаменти назорати дохилӣ, менеҷерони минтақавӣ ва роҳбарони дигар сохторҳои дахлдор мерасонад.

## 4 Тартиби пешниҳод ва муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва баррасии онҳо

4.1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқ доранд шахсан ё тавассути намояндаи ваколатдори худ муроҷиати хаттии худро ба Бонк ба воситаи алоқаи почта ё почтаи электронӣ ирсол намоянд. Ба манфиати

ноболиғон, шахсони ғайриқобили амал ё қобилияти амалашон маҳдуд бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагони қонунии онҳо ё мақомоти ваколатдор муроҷиатҳоро пешниҳод менамоянд;

4.2. Масъулият оид ба ташкили бақайдгирӣ, дар мӯҳлати муқарраргардида баррасӣ намудан ва баҳисобгирии омории муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба зиммаи роҳбарони сохторҳои дахлдори Бонк вогузор карда мешавад;

4.3. Муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ба Бонк воридгардида бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд;

4.4. Баррасии воқеъбинона, холисона, беғаразона ва саривақтии муроҷиатҳоро таъмин намуда, масъалаҳои гузоштташударо ҳангоми зарурат бо иштироки муроҷиаткунандагон, даъвати шахсони дахлдор санҷанд;

4.5. Барои пурра, холисона ва ҳаматарафа баррасӣ намудани муроҷиат аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва аз мақомоту ташкилоти дахлдор маводи зарурири талаб намоянд;

4.6. Барои барқарор кардан ва (ё) ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии вайронгардидаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ чораҷӯӣ намоянд;

4.7. Аз рӯи моҳияти масъалаҳои дар муроҷиат гузоштташуда, ба истисноӣ ҳолатҳои дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ пешбинигардида, ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ посухи хаттӣ диҳанд;

4.8. Муроҷиаткунандаро дар мӯҳлати се рӯз аз лаҳзаи қабули қарор оид ба ирсоли муроҷиат барои баррасӣ аз рӯи тобеият ба дигар мақомоту ташкилоти дахлдор хабардор намоянд;

4.9. Муроҷиатро асоснок ва тибқи қонун ҳал намуда, иҷрои онро назорат намоянд;

4.10. Бидуни сабабҳои узрнок вайрон намудани мӯҳлати баррасии арзу шикоятҳо, қабули қарори беасос ва хилофи қонун, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд;

4.11. Посух ба мурочиат бояд бо забони давлатӣ ва ҳангоми мавчуд будани дархост инчунин бо забоне, ки мурочиат навишта шудааст, вобаста ба ҳар як масъалаи гузошташуда, бо асосноккунии тасдиқ ё рад намудани ҳолатҳои зикршуда ва бо назардошти меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба роҳбарӣ гирифта шудаанд, омода карда шавад;

4.12. Доир ба натиҷаи баррасии мурочиат ба мурочиаткунанда иттилоот диҳанд;

4.13. Маълумотҳоро оид ба баррасии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мунтазам таҳлил намуда, барои бартараф намудани сабабу шароитҳое, ки боиси вайронкунии ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ гардидаанд, тадбирҳо андешанд;

4.14. Ӯҳдадориҳои дигари пешбининамудаи Қонуни мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро намоянд.

## 5 Кафолати амнияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вобаста ба мурочиати онҳо.

5.1. Таъқиб намудани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бинобар мурочиати онҳо ба мақомоту ташкилоти дахлдор вобаста ба танқиди фаъолияти Бонк ё -роҳбарони онҳо ҷиҳати барқарор ё ҳимоя намудани ҳуқуқу озодиҳо ва манфиати қонунии худ ё ҳуқуқу озодиҳо ва манфиати қонунии шахсони дигар манъ аст.

5.2. Ҳангоми баррасии мурочиат бидуни розигии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ифшо намудани маълумоти дар мурочиат зикргардида инчунин, маълумоти ба ҳаёти шахсӣ ва (ё) фаъолияти шахси ҳуқуқӣ алоқаманд манъ аст. Маълумоти дар мурочиати хаттӣ дарҷгардида, ки ба Бонк -ирсол карда шуда, ҳалли онҳо ба салоҳияти Бонк ва шахсони ваколатдоршуда мансуб аст, ошкор кардани маълумот ба ҳисоб намеравад.

## 6 Тартиби баррасии мурочиатҳо (шикоят, арз, пешниҳод, дархост, сипос ва ғ.)

6.1. Қабули баррасии мурочиатҳои мизоҷон дар марҳилаҳои зерин дар салоҳияти мутасаддиёни дар поён зикргардида, амалӣ мешаванд:

- қабули мурочиат - Сардори бахши кор бо мизоҷон;
- бақайдгирӣ - Сардори бахши кор бо мизоҷон ;
- гуш кардани сабти гуфтугӯ, суҳбат бо мизоҷ - Сардори бахши кор бо мизоҷон;
- ирсоли шикоят ба Раёсат, Департаменти назорати дохилӣ (дар ҳолатҳои зарурӣ), менеҷерони минтақавӣ ва роҳбарони дигар сохторҳои дахлдор - Сардори бахши кор бо мизоҷон;
- баррасии дархост дар сатҳи филиал ва сохторҳо – Менеҷерони минтақавӣ, сардорони сохторҳо;
- пешниҳоди маълумотҳо ва маводҳои дахлдор - Менеҷерони минтақавӣ, сардорони сохторҳо;
- хулосабарорӣ - Сардори Бахши кор бо мизоҷон, Раиси Раёсат, аъзоёни Раёсат;
- тамос бо мизоҷ ва пешкаши хулосаи баррасии шикоят (ғайр аз шикоятҳои беимзо) - Сардори бахши кор бо мизоҷон.


Ҳамаи шабакаҳои мурочиатҳои мизоҷон
Сардори бахши кор бо мизоҷон
Қабули муроҷиат
Бақайдгирӣ
Гуфтугӯ бо мизоҷ
Ирсол ба сохторҳои дахлдор ва менеҷерони минтақавӣ
Баррасӣ дар сатҳи филиал ва сохторҳо
Пешниҳоди маълумотҳо ва маводҳои дахлдор
Хулосабарорӣ
Тамос бо мизоҷ, пешкаши хулосаи баррасии шикоят
Пешкаши ҳисобот ба роҳбарият

## 7 Шабакаҳои мурочиатии мизочон

7.1. Мизоч шифоҳӣ ё хаттӣ, тавассути шабакаҳои зерин ба Бонк мурочиат карда метавонад:

- рақами маркази зангҳо - **446406565 (6565)**; сомонаи Бонк;
- саҳифаи Бонк дар **сомонаҳои ичтимоӣ**;
- **мессенчерҳои расмӣ**;
- ба **роҳбари нуқтаи хизматрасонӣ**;
- ба дилхоҳ **корманди бонк**
- почтаи электронӣ **info@spitamen.com**;
- ба рақами телефонии **кормандони сохторҳои назоратӣ**, ки рақамашон дар тахтаи иттилоотии нуқтаҳои хизматрасонӣ қайд шудаанд.
- **Китоби арзу шикоятҳо дар филиалҳои Бонк:**

  Дар ҳар як филиал бояд Китоби шикоятҳо ва пешниҳодҳои мизочони намунаи дахлдор бошад. Китоб бояд дар чойи барои мизоч дастрас, дар чойи воқеъшавии мизочон, ки барои навиштан мувофиқ мебошад, чойгир бошад, мавчуд будани ручка ва қоғази тоза ҳатмист.

  Директор/роҳбари филиал/МХБ масъуланд, ки китоби арзу шикоятро ҳар руз пеш аз анчоми вақти корӣ тафтиш намуда, дар ҳолати қайд шудани мурочиати нави мизоч бояд онҳоро қабул намуда шакли сканкардашудаи онро ба почтаи электронии сардори Бахши кор бо мизочон худи ҳамон рӯз ирсол намоянд.

  Китоб бояд рақамгузорӣ карда шуда, ба он мухри даҳлдори Саридора гузошта шавад ва ҳангоми қабул кардан аз тарафи Директори филиал бо имзо тасдиқ карда шавад. Дар бойгонӣ китоб бояд на кам аз панч сол нигоҳдорӣ карда шавад. Китоби намунаи стандартиро Директори филиал аз идораи маъмурӣ дархост карда метавонад.

- **Қуттии арзу шикоятҳо дар филиалҳо ва марказҳои хизматрасонии Бонк:**

Барои бо шикояти беимзо ба Бонк муроҷиат намудан, мизоҷ бояд муроҷиати худро дар шакли озод дар қоғази сафед қайд намуда, онро ба қуттии барои муроҷиатҳои беимзо буда, аорид намояд. Гирифтани муроҷиатҳои хаттӣ аз қуттӣ, дар охири ҳар рӯзи корӣ, аз тарафи корманди вазифадори - (аз ҷониби Директор/Роҳбари филиал/МХБ бо мувофиқаи департаменти кадрҳо таъин карда мешавад) якҷоя бо Директори филиал/Сардори Шӯъбаи қарзии филиал амалӣ карда мешавад.

Шахсоне, ки барои қабул ва бақайдгирии пешниҳодҳо масъуланд, ҳангоми аз мизоҷон ворид шудани пешниҳодҳо, бояд онҳоро қабул намуда шакли сканкардашудаи онро ба почтаи электронии Сардори бахши кор бо мизоҷон худи ҳамон рӯз ирсол намоянд.

7.2. Муроҷиатҳо шабонарӯзӣ 24/7 қабул карда мешаванд.

## 8 Сатҳи масъулиятнокӣ

8.1. **Мутахассиси Маркази зангҳо** барои қабул ва дар барномаи Bitrix-24 қайд кардани муроҷиатҳои мизоҷон ҷавобгар мебошад.
8.2. **Мутахассиси мутасаддии мессенҷерҳо ва саҳифаҳои иҷтимоии Бонк** шикояти навишташударо дар шакли расм (screen shot) ба сардори Бахши кор бо мизоҷон равон мекунад.
8.3. **Директори филиал ва ё Роҳбари МХБ (корманди филиал),** - барои дарҳол ба сардори Бахши кор бо мизоҷон расонидани шикоятҳои шифоҳии мизоҷон, инчунин шикоятҳои дар қуттӣ ва китоби арзу шикоятҳо навишташуда, масъулият дорад.
8.4. **Сардори Бахши кор бо мизоҷон,** барои қабул, бақайдгирӣ, баррасии муроҷиатҳои мизоҷон ва пешниҳоди ҳисобот ба роҳбари бевосита ва аъзоёни Раёсат ва инчунин, барои пешкаши посухи баррасии дархост ва ё шикоят ба мизоҷ масъулият дорад.
8.5. **Менеҷерони минтақавӣ,** барои баррасии шикоят, пешниҳоди маълумоти иловагӣ (суҳбат бо корманд, сабти овозӣ, видеои, ҳуҷҷатгузориҳо ва ғайраҳо).

## 9 Муҳлати баррасии дархост ва арзу шикоятҳо

9.1. Муроҷиатҳои ба Бонк пешниҳодшуда дар давоми си рӯз ва муроҷиатҳое, ки омӯзишу таҳқиқи иловагиро талаб намекунанд, дар

мӯҳлати понздаҳ рӯз аз рӯзи ба қайд гирифта шуданашон баррасӣ карда мешаванд;

9.2. Дар ҳолатҳои истисноӣ, инчунин дар ҳолатҳои пешбининамудаи банди 9.3.Тартиби мазкур Бонк ҳуқуқ дорад мӯҳлати баррасии мурочиатро ба муддати на зиёдтар аз си рӯз тамдид намуда, дар ин хусус ба мурочиаткунанда дар мӯҳлати се рӯз хабар расонад;

9.3. Барои пурра, холисона ва дар мӯҳлати муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ намудани мурочиатҳо шахсони ваколатдоршудаи Бонк ҳуқуқ доранд ҳангоми зарурат барои гирифтани маълумотҳои иловагӣ дар доираи ваколатҳои худ аз шахони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мақомоту ташкилоти дахлдор мавод талаб намоянд. Мақомоту ташкилоти дахлдор тибқи дархости Бонк, ӯҳдадоранд дар мӯҳлати панҷ рӯз пас аз ворид шудани дархост маълумоти талабшударо ирсол намоянд, ба истиснои ҳуҷҷатҳое (мавод), ки дорои маълумоти сирри давлатӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда мебошанд ва ба онҳо тартиби махсуси пешниҳод муқаррар гардидааст. Дар сурати ғайриимкон будани пешниҳоди маълумот, мақомоту ташкилоти пешниҳодкунандаи маълумот дар ин хусус бояд дар мӯҳлати се рӯз ба таври хаттӣ Бонкро хабардор намоянд.

9.4. Қабул ва ирсоли шикоят ва пешниҳодҳо ба сохторҳои дахлдор, дар Бонк ба таври зерин ба роҳ монда мешавад:

Пешкаши маълумотҳои бадастомада ба сохторҳо ва менеҷерони минтақавӣ дар рӯзи қабул сурат мегирад ба истиснои рӯзҳои истироҳатӣ. Дар рӯзҳои истироҳатӣ шикоят ва пешниҳодҳо аз ҷониби операторон ва мутахассисони кор бо саҳифаҳои иҷтимоӣ ва сомона қабул карда мешаванд. Сардори Бахши кор бо мизоҷон онҳоро дар рӯзи аввали корӣ баъди истироҳат ба сохторҳо ирсол менамояд.

9.5. Мурочиатҳо вобаста аз рамзашон дар муддатҳои зерин баррасӣ мешаванд:

1. **Оид ба пардохти қарз;** -то 14 рузи корӣ

1.1 Пардохти қарз бо асъори хориҷӣ;

1.2 Гирифтани қарз (радъ);

1.3 Гирифтани маълумот вобаста ба қарз ё суратҳисоб;
1.4 Гирифтани гарави гузошташуда;
1.5 Дигар муроҷиатҳо оид ба қарз.

**2. Оид ба корти бонкӣ; -** то 10 рузи корӣ

2.1. Гирифтани корти бонкӣ;
2.2 Гум шудани маблағ аз корти бонкӣ;
2.3 Дастрасии пули нақд аз корти бонкӣ;
2.4 Сари вақт пайваст накардани смс-паём;
2.5 Тарофаҳо вобаста ба корти бонкӣ;
2.6 Дигар муроҷиатҳо оид ба корти бонкӣ.

**3. Оид ба банкомат; -** то 5 рузи корӣ

3.1.Набудани пули нақд дар банкомат;
3.2 Набудани қувваи барқ дар банкомат;
3.3 Набудани аълоқаи интернетӣ дар банкомат;
3.4 Руст мондани корти бонкӣ дар банкомат;
3.5 Дигар муроҷиатҳо оид ба банкомат;

**4. Оид ба интиқоли маблағҳо** - то 3 рузи корӣ

4.1. Дастрас намудани маблағи интиқолӣ бо пули миллӣ;
4.2. Дастрас намудани маблағи интиқол бо асъори хориҷӣ (бо доллари ИМА);
4.3 Интиқол намудани маблағ берун аз ҶТ;
4.4 Дигар муроҷиатҳо оид ба интиқол.

**5. Оид ба барномаи мобилӣ -** то 14 рузи корӣ

5.1. Гузаронидани амалиёт дар барномаи мобилӣ;
5.2 Дастрас намудани маблағи интиқол тавассути барномаи мобилӣ;
5.3 Норозигии мизоҷ оид ба кори барномаи мобилӣ;
5.4 Дигар муроҷиатҳо оид ба барномаи мобилӣ.

**6. Оид ба дастрас намудан маблағи нақд аз хазина**; - то 5 рузи корӣ

6.1.Дастрас намудани пули миллӣ;
6.2 Дастрас намудани пули миллӣ (тангаҳо, купюраҳои майда, калон); 6.3 Дастрас намудани асъори хориҷӣ;
6.4 Дигар муроҷиатҳо оид ба дастрас намудани пули нақд.

**7. Паст будани сатҳи сифати хизматрасонӣ -** то 5 рузи корӣ

7.1. Муносибати дағалона аз ҷониби масъулини Бонк;
7.2 Риоя нагардидани навбати мизоҷон;
7.3 Дигар муроҷиатҳо оид ба сатҳи пасти хизматрасонӣ;

7.4 Пешниҳоди маълумоти (нопурра) хато.

**8. Дигар мурочиатҳо вобаста ба фаъолияти бонкӣ; -** то 5 рузи корӣ

## Замимаҳо ба "Тартиби баррасии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар (мизочони) ЧСП «Спитамен Бонк»"

1. Шакли бақайдгирии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;




2. Шакли ҳисоботии баррасии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ



| № | Санаи ирсоли шикоят | Вақти ирсоли шикоят | Вақти гуфтугӯ | Сарчашма (Call-сентр, сайт, e-mail) | Рақами телефон, e-mail ва ё суроға | Ному насаб | Филиал/ МХБ | Намуди муроҷиат | Муҳтаво (рамз)-и муроҷиат | Моҳияти муроҷиат | Ба кӣ ирсол карда шуд | Сана ва вақти пешниҳоди посухи | Посухи шикоят | Натиҷа | Сабти овозӣ, видеои, скринҳои |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | | | | | | | |

## Ҳисобот оид ба мурочиатҳои шаҳрвандон ба санаи 01.01.2022

| № | Номгӯи филиалу МХБ-ҳо | Мурочиатҳо (адад) | | | Шумораи умумии мурочиатҳо (адад) | Рамз | Муҳтавои мурочиат | Натиҷа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Хаттӣ | Телефони боварӣ | Шабакаи иҷтимоӣ | | | | |
| 1 | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ: | | | | | | | | |

**Рамзҳои мурочиат:**

1 **Оид ба пардохти қарз;**
1.1 Пардохти қарз бо асъори хориҷӣ;
1.2 Гирифтани қарз (радъ);
1.3 Гирифтани маълумот вобаста ба қарз ё суратҳисоб
1.4 Гирифтани гарави гузошташуда
1.5 Дигар мурочиатҳо оид ба қарз
2 **Оид ба корти бонкӣ;**
2.1 Гирифтани корти бонкӣ;
2.2 Гум шудани маблағ аз корти бонкӣ
2.3 Дастрасии пули нақд аз корти бонкӣ;
2.4 Сари вақт пайваст накардани смс-паём
2.5 Тарофаҳо вобаста ба корти бонкӣ;
2.6 Дигар мурочиатҳо оид ба корти бонкӣ
3 **Оид ба банкомат;**
3.1 Набудани пули нақд дар банкомат;
3.2 Набудани қувваи барқ дар банкомат;
3.3 Набудани алоқаи интернетӣ дар банкомат;
3.4 Руст мондани корти бонкӣ дар банкомат;
3.5 Дигар мурочиатҳо оид ба банкомат
4 **Оид ба интиқоли маблағҳо**
4.1 Дастрас намудани маблағи интиқолӣ бо пули миллӣ;
4.2 Дастрас намудани маблағи интиқол бо асъори хориҷӣ (бо доллари ИМА);
4.3 Интиқол намудани маблағ берун аз ҶТ;
4.4 Дигар мурочиатҳо оид ба интиқол
5 **Оид ба барномаи мобилӣ**
5.1 Гузаронидани амалиёт дар барномаи мобилӣ
5.2 Дастрас намудани маблағи интиқол тавассути барномаи мобилӣ;
5.3 Норозигии мизоҷ оид ба кори барномаи мобилӣ;
5.4 Дигар мурочиатҳо оид ба барномаи мобилӣ
6 **Оид ба дастрас намудан маблағи нақд аз хазина;**
6.1 Дастрас намудани пули миллӣ
6.2 Дастрас намудани пули миллӣ (тангаҳо, купюраҳои майда, калон);
6.3 Дастрас намудани асъори хориҷӣ
6.4 Дигар мурочиатҳо оид ба дастрас намудани пули нақд
7 **Паст будани сатҳи сифати хизматрасонӣ**
7.1 Муносибати дағалона аз ҷониби масулини бонк;
7.2 Риоя нагардидани навбати мизоҷон
7.3 Дигар мурочиатҳо оид ба сатҳи пасти хизматрасонӣ
7.4 Пешниҳоди маълумоти (нопурра) хато
8 **Дигар мурочиатҳо вобаста ба фаъолияти бонкӣ;**

## Ҳисобот оид ба мурочиатҳои шаҳрвандон аз руи намуди онҳо дар моҳи октябри с.2022

| № | Номгӯи мурочиатҳо | Рамз | Мурочиатҳо (адад) | | | Шумораи умумии мурочиатҳо | Ҳиссаи мурочиатҳои воридшуда бо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Хаттӣ | Телефони боварӣ | Шабакаҳои иҷтимоӣ | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| Ҳамагӣ: | | | | | | | |

**Рамзҳои мурочиат:**

1 **Оид ба пардохти қарз;**
1.1 Пардохти қарз бо асъори хориҷӣ;
1.2 Гирифтани қарз (радъ);
1.3 Гирифтани маълумот вобаста ба қарз ё суратҳисоб
1.4 Гирифтани гарави гузошташуда
1.5 Дигар мурочиатҳо оид ба қарз
2 **Оид ба корти бонкӣ;**
2.1 Гирифтани корти бонкӣ;
2.2 Гум шудани маблағ аз корти бонкӣ
2.3 Дастрасии пули нақд аз корти бонкӣ;
2.4 Сари вақт пайваст накардани смс-паём
2.5 Тарофаҳо вобаста ба корти бонкӣ;
2.6 Дигар мурочиатҳо оид ба корти бонкӣ
3 **Оид ба банкомат;**
3.1 Набудани пули нақд дар банкомат;
3.2 Набудани қувваи барқ дар банкомат;
3.3 Набудани алоқаи интернетӣ дар банкомат;
3.4 Руст мондани корти бонкӣ дар банкомат;
3.5 Дигар мурочиатҳо оид ба банкомат
4 **Оид ба интиқоли маблағҳо**
4.1 Дастрас намудани маблағи интиқолӣ бо пули миллӣ;
4.2 Дастрас намудани маблағи интиқол бо асъори хориҷӣ (бо доллари ИМА);
4.3 Интиқол намудани маблағ берун аз ҶТ;
4.4 Дигар мурочиатҳо оид ба интиқол
5 **Оид ба барномаи мобилӣ**
5.1 Гузаронидани амалиёт дар барномаи мобилӣ
5.2 Дастрас намудани маблағи интиқол тавассути барномаи мобилӣ;
5.3 Норозигии мизоҷ оид ба кори барномаи мобилӣ;
5.4 Дигар мурочиатҳо оид ба барномаи мобилӣ
6 **Оид ба дастрас намудан маблағи нақд аз хазина;**
6.1 Дастрас намудани пули миллӣ
6.2 Дастрас намудани пули миллӣ (тангаҳо, купюраҳои майда, калон);
6.3 Дастрас намудани асъори хориҷӣ
6.4 Дигар мурочиатҳо оид ба дастрас намудани пули нақд
7 **Паст будани сатҳи сифати хизматрасонӣ**
7.1 Муносибати дағалона аз ҷониби масулини бонк;
7.2 Риоя нагардидани навбати мизоҷон
7.3 Дигар мурочиатҳо оид ба сатҳи пасти хизматрасонӣ
7.4 Пешниҳоди маълумоти (нопурра) хато
8 **Дигар мурочиатҳо вобаста ба фаъолияти бонкӣ;**

| Ҳисобот оид ба мурочиатҳои шаҳрвандон аз руи филиал/МХБҳо дар моҳи октябри с.2022 | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| № | Номгӯи филиалу МХБ-ҳо | Сана | Мурочиатҳо (адад) | | | Шумораи умумии мурочиатхои | Рамз | Мухтавои мурочиат | Натиҷа: |
| | | | Хаттӣ | Телефони боварӣ | Шабакаҳои ичтимой | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ: | | | | | | | | | |

**Рамзҳои мурочиат:**

1 **Оид ба пардохти қарз;**
1.1 Пардохти қарз бо асъори хориҷӣ;
1.2 Гирифтани қарз (радъ);
1.3 Гирифтани маълумот вобаста ба қарз ё суратҳисоб
1.4 Гирифтани гарави гузошташуда
1.5 Дигар мурочиатҳо оид ба қарз
2 **Оид ба корти бонкӣ;**
2.1 Гирифтани корти бонкӣ;
2.2 Гум шудани маблағ аз корти бонкӣ
2.3 Дастрасии пули нақд аз корти бонкӣ;
2.4 Сари вақт пайваст накардани смс-паём
2.5 Тарофаҳо вобаста ба корти бонкӣ;
2.6 Дигар мурочиатҳо оид ба корти бонкӣ
3 **Оид ба банкомат;**
3.1 Набудани пули нақд дар банкомат;
3.2 Набудани қувваи барқ дар банкомат;
3.3 Набудани алоқаи интернетӣ дар банкомат;
3.4 Руст мондани корти бонкӣ дар банкомат;
3.5 Дигар мурочиатҳо оид ба банкомат
4 **Оид ба интиқоли маблағҳо**
4.1 Дастрас намудани маблағи интиқолӣ бо пули миллӣ;
4.2 Дастрас намудани маблағи интиқол бо асъори хориҷӣ (бо доллари ИМА);
4.3 Интиқол намудани маблағ берун аз ҶТ;
4.4 Дигар мурочиатҳо оид ба интиқол
5 **Оид ба барномаи мобилӣ**
5.1 Гузаронидани амалиёт дар барномаи мобилӣ
5.2 Дастрас намудани маблағи интиқол тавассути барномаи мобилӣ;
5.3 Норозигии мизоҷ оид ба кори барномаи мобилӣ;
5.4 Дигар мурочиатҳо оид ба барномаи мобилӣ
6 **Оид ба дастрас намудан маблағи нақд аз хазина;**
6.1 Дастрас намудани пули миллӣ
6.2 Дастрас намудани пули миллӣ (тангаҳо, купюраҳои майда, калон);
6.3 Дастрас намудани асъори хориҷӣ
6.4 Дигар мурочиатҳо оид ба дастрас намудани пули нақд
7 **Паст будани сатҳи сифати хизматрасонӣ**
7.1 Муносибати дағалона аз ҷониби масулини бонк;
7.2 Риоя нагардидани навбати мизоҷон
7.3 Дигар мурочиатҳо оид ба сатҳи пасти хизматрасонӣ
7.4 Пешниҳоди маълумоти (нопурра) хато
8 **Дигар мурочиатҳо вобаста ба фаъолияти бонкӣ;**

**Тартибдиҳанда:**
Сардори Бахши кор бо мизоҷон
Джураева З.

**Мувофиқа шудааст:**

Сардори Идораи Маркетинг ва рушди бизнес
Тухтаназарова Х.

Сардори Департаменти назорати дохилӣ
Розиқов Ҳ.

Сардори Идораи хавфҳои бонкӣ
Салимов М.

М.и.в Сардори Департаменти кадрҳо
Мирзоева Л.

Сардори Идораи ҳуқуқ
Мирзозода Ғ.

Менеҷери минтақавии Душанбе ва НТМ
Рустамов Ш.

Менеҷери минтақавии Хатлон
Шарипов Ф.

Менеҷери минтақавии Суғд
Мусоев Б.

**Тартибдиҳанда:**
Сардори Бахши кор бо мизоҷон
Джураева З.

**Мувофиқа шудааст:**

Сардори Идораи Маркетинг ва рушди бизнес ________________
Тухтаназарова Х.

Сардори Департаменти назорати дохилӣ
Розиқов Ҳ. ________________

Сардори Идораи хавфҳои бонкӣ ________________
Салимов М.

М.и.в Сардори Департаменти кадрҳо ________________
Мирзоева Л.

Сардори Идораи ҳуқуқ ________________
Мирзозода Ғ.

Менеҷери минтақавии Душанбе ва НТМ ________________
Рустамов Ш.

Менеҷери минтақавии Хатлон ________________
Шарипов Ф.

Менеҷери минтақавии Суғд ________________
Мусоев Б.

Тартибдиҳанда:
Сардори Бахши кор бо мизоҷон
Джураева З.

Мувофиқа шудааст:

Сардори Идораи Маркетинг ва рушди бизнес
Тухтаназарова Х.

Сардори Департаменти назорати дохилӣ
Розиқов Х.

Сардори Идораи хавфҳои бонкӣ
Салимов М.

М.и.в Сардори Департаменти кадрҳо
Мирзоева Л.

Сардори Идораи ҳуқуқ
Мирзозода Ғ.

Менеҷери минтақавии Душанбе ва НТМ
Рустамов Ш.

Менеҷери минтақавии Хатлон
Шарипов Ф.

Менеҷери минтақавии Суғд
Мусоев Б.